Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 ноябри соли 2007 № 530
тасдиқ шудааст

# Консепсияи системаи иттилоотии идораи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## РУЙХАТИ ИСТИЛОҲОТ ВА ИХТИСОРОТ

СИИМ Системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф

ММ Манбаи маълумот

ШМН Шӯъбаи маорифи ноҳия

РМВ Раёсати маорифи вилоят

МТОК Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

МТМК Муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ

МТИК Муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

МИЛИСМ БОР Маркази идоракунии лоиҳаи ислоҳоти соҳаи маорифи Бонки Осиёгии Рушд

МИЛТСМ БУ Маркази идоракунии лоиҳаи таҷдиди соҳаи маорифи Бонки умумиҷаҳонӣ

МОТ Маркази Олмонӣ оид ба ёрии техникӣ

КДО ҶТ Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМҶТ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

МИТ ВМ Маркази иттилоотиву таҳлилии Вазорати маориф

СМРМ Страгегияи миллии рушди маориф

## МУҚАДДИМА

Дар айни замон маориф ҳарҷи бештар ба қувваи нерӯманди пешбарандаи рушди иқтисодӣ, афзоиши самара ва рақобатпазирии иқтисодиёт табдил меёбад, ки он ба яке аз муҳимтарин омилҳои амнияти миллӣ, ободонии мамлакат, осоиши ҳар як шаҳрванд мубаддал мегардонад. Нерӯ ва имкониятҳои маориф бояд барои таҳкими иттиҳоди ҷомеа, ҳифзи фазои ягонаи иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, бартараф кардани ташаннуҷи этникӣ ва миллӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ дар заминаи афзалияти ҳуқуқи шахсият, баробарҳуқуқии фарҳангҳои миллӣ ва соҳибимтиёзиҳои гуногун, маҳдуд гардонидани нобаробарии иҷтимоӣ пурра истифода шаванд.

Ҷомеаи рушдкунанда ба шахсони соҳибмаълумот, хушахлоқ ва ташаббускоре эҳтиёҷ дорад, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ оқибати корро пешбинӣ намуда, мустақилона қарори масъулиятнок қабул карда тавонанд, дорои қобилияти ҳамкорӣ дошта бошад, серҳаракат ва ӯҳдабаро буда, масъулиятшиносиашон нисбат ба тақдири мамлакат баланд бошад.

Дар шароите, ки давлат соҳаи маорифро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати худ дастгирӣ менамояд, он бояд истифодаи самараноки ҳамаи захираҳои худ - инсонӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва молиявиро таъмин намояд.

Яке аз роҳҳои расидан ба чунин дараҷаи самаранокӣ баланд бардоштани самараи системаи идоракунии маориф мебошад.Соҳаи маориф дар миқёси давлат аз раванди бисёрзина ва мураккабе иборат буда, омилҳои иқтисодию математикӣ ба вай таъсир намерасонанд, он асосан аз омилҳои инсонӣ вобаста мебошад. Зарурат ва нақши идораи соҳаи маориф дар чунин раванд торафт меафзояд.

Самаранокии идоракунии соҳаи маориф ба омилҳои зиёде алоқаманд мебошад. Аз ҷумла:

- тахассуси ашхосе, ки қарорҳои идоракунанда қабул мекунанд;

- самаранокии системаи ҳавасмандкунӣ;

- самаранокии намунаҳои истифодашаванда ва усулҳои пешгӯикунанда, банақшагирӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ ва монанди инҳо;

Дар қатори ҳамаи омилҳое, ки зикр шудаанд, яке аз роҳҳои асосии расидан ба самаранокии системаи идоракунии маориф, ин таъсис додани системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф мебошад.

## 1. Маълумоти мухтасар оид ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф Вазорати маориф (Мақоми давлатии идоракунии ҷумҳуриявӣ) амалӣ мегардонад.

Идоракунии соҳаи маориф хусусияти давлатӣ-ҷамъиятӣ дорад.

Муассисаҳои таҳсилотии миёнаро мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллии давлатӣ идора мекунанд.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз тарафи вазоратҳо ва идораҳои тобеи онҳо идора мешаванд.

Тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқи гирифтани таҳсилот бо роҳҳои таҳсили рӯзона, ғоибона, фосилавӣ ва ба тариқи экстернат амалӣ мешавад. Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зинаҳои таҳсилотии зерин иборат мебошад (Замимаи 2):

- Таълим ва тарбияи томактабӣ,

- Таҳсилоти миёнаи умумӣ

- Таҳсилоти касбӣ

- Таҳсилоти баъди мактаби олӣ

- Таҳсилоти иловагӣ

Системаи таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ 3830 муассисаи таълимиро дар бар гирифтааст, ки дар онҳо 99 853 нафар омӯзгорон кор мекунанд.

Дар 15 соли истиқлолият шумораи хонандагони таълимгоҳҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба андозаи 12,8% афзудааст. Агар дар соли 1992 шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз 1 469 300 нафар иборат бошад, пас ин адад дар соли 2006 ба 1 688307 нафар расидааст.

Системаи таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ 72 таълимгоҳи касбиро дар бар мегирад, ки дар онҳо 23549 нафар хонандагон таҳсил мекунанд. Шумораи омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии онҳо аз 2275 нафар иборат аст. Дар солҳои истиқлолият сохтори таҳсилоти ибтидоии касбӣ дигаргун гашта, шумораи таълимгоҳҳо ва хонандагони онҳо кам карда шуд.

Дар системаи таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ 48 таълимгоҳ, аз ҷумла 24 коллеҷ, 4 техникум ва 20 омӯзишгоҳ амал мекунад, ки дар онҳо 2 985 нафар омӯзгор машғули кор мебошанд. Аз ин ҷумла 393 нафар омӯзгор (6,5%) соҳиби дараҷа ва унвонҳо мебошанд.

Дар 15 соли истиқлолият шумораи донишҷӯён дар таълимгоҳҳои миёнаи касбӣ ба андозаи 28% кам шуд. Агар дар соли 1992 шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40,7 ҳазор нафар бошанд, пас ин адад дар соли 2006 кам шуда, ба 32,4 ҳазор нафар расидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои соҳаҳои маориф, ҳифзи тандурустӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, иқтисодиёт ва саноат дар 20 самт ва аз рӯйи 103 ихтисос мутахассисон тайёр карда мешаванд.

Дар системаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар айни замон 28 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 13 донишгоҳ, 12 донишкада ва 3 академия амал мекунанд, ки дар онҳо 7761 нафар омӯзгорон ифои вазифа менамоянд. Аз ин миқдор 432 нафар (5,6%) доктор ва 1803 нафар (23,2%) номзадҳои илм мебошанд.

Дар 15 соли охир шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба андозаи 191 % зиёд шуд. Агар дар соли 1992 шумораи донишҷӯён 69,3 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас ин адад дар соли 2006 ба 146,2 ҳазор нафар расидааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ аз ҳар 10 000 нафар аҳолӣ 188 нафараш донишҷӯ мебошад, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ паст аст. Ғайр аз ин, беш аз 50 %-и донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ таҳсил мекунанд, шумораи муҳассилини соҳаҳои техникӣ ва фанҳои табиатшиносӣ кам ва сатҳи дониши онҳо низ паст буда, ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат мувофиқ нест. Қатъи назар аз он, ки дар ҷумҳурӣ аз рӯи 167 ихтисос мутахассис тайёр карда мешавад, аммо онҳо талаботи хоҷагии халқи ҷумҳуриро пурра қонеъ гардонида наметавонанд.

## 2. Вазъи бо иттилоот таъмин намудани системаи идоракунии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати таъминкунандаи системаи идоракунии соҳаи маориф бо иттилоот ҳисоботи оморӣ хизмат мерасонад, ки он мероси системаи шӯравии идоракунии давлат буда, мақсади он гирифтани иттилооти умумии ҳарсола ба ҳисоби миёнаи оморӣ дар бораи вазъи системаи маориф мебошад.

Системаи ташаккули ҳисоботи омор 13 шакли сохториро дар бар мегирад. Ҳисоботи оморӣ аз тарафи муассисаҳои таҳсилотӣ дар як сол як маротиба пешниҳод карда мешавад. Гирдоварии маълумоти оморӣ аз 5 сентябр оғоз меёбад. Системаи гирдоварии маълумоти оморӣ зинаҳои бисёр дорад. Маълумот оид ба муассисаҳои таҳсилотӣ аз рӯи намунаи зайл гирдоварӣ карда мешавад: муассисахои тахсилотӣ - шӯъбахои маорифи ноҳия - раёсати маорифи вилоят - Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тасвири намунаи ҳисоботи оморӣ дар замимаи 1 дода мешавад.

Таҳлили раванди гирдоварӣ, ҳифзу муроқибат ва коркарди маълумоти оид ба омори маориф нишон дод, ки дар системаи мавҷудаи таъмини корҳои идоракунии маориф норасоиҳои зайл вуҷуд доранд:

1. Азбаски дархостҳо ва талабот ба хизматгузориҳои таҳсилотӣ дигаргун гаштаанд, вобаста ба ин афзалиятҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои давлат низ тағйир ёфтаву мақоми худро дигар кардаанд. Маълумот ва иттилооти зарурирo, ки ба мониторинги нишондиҳандаи пешравиҳои давлат ташаббусҳои нав заруранд дар системаи мавҷуда на ҳамеша пайдо кардан мумкин аст. Дар вазъияти тағйирёбандаи имрӯзаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зарурат ба шаклҳои нави маълумот, иттилоот ва таҳлили онҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад.

2. Маълумот ва иттилоотро оид ба маориф ҷузъу томҳои мухталифи Вазорати маориф, шӯъбаҳои вилоятию ноҳиявии он, ё худ ташкилотҳои ғайридавлатӣ новобаста аз ҳамдигар гирдоварӣ мекунанду маҳфуз медоранд. Барои якҷоя кардани ин маълумот аз стандартҳои умумӣ истифода кардан зарур аст.

3. Бисёр шӯъбаҳо айнан ҳамон як навъи маълумотро дар давраҳои гуногуни соли таҳсил гирд меоваранд. Дар натиҷа маълумотҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд, ки ин боиси пайдо шудани шубҳа ба дурустии маълумот ва қобили кабул будани онҳо дар мавриди ҳисобу китоби мактабҳо дар Вазорати маориф мегардад.

4. Мӯҳлати гирдоварии маълумот ба силсилабандии марбут ба нақшагирӣ, мураттабсозии буҷет ва қабули қарорҳо мувофиқат намекунад. Дар байни гирдоварии маълумот, коркард ва барои ҳисобот тайёр кардани онҳо аксар вақт фосилаи зиёд пайдо мешавад, ки дар натиҷаи он чунин маълумот на ҳамеша мавриди истифода қарор мегирад ё худ истифодаи он баъди гузаштани вақти бисёр ва кӯҳна шудани он ба амал меояд. Ин ҳолат арзёбии сазоворро ба соҳаи маориф мушкил мегардонад.

5. Маълумот ва иттилооти аз ҷониби ашхоси алоҳида ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ гирдоваришуда дар Вазорати маориф кам мавриди истифодаи мегардад, ки он натиҷаи хуб нахоҳад дод ва боиси сар задани ихтилоф дар мавриди баррасӣ ва мубодилаи афкор мегардад.

6. Маълумот аз муассисаҳои таҳсилотӣ ба Вазорати маориф дар шакли мутавассит ва ҷамъбастшуда (мӯътадил гардонидашуда) ворид мешаванд, ки ин барои таҳлили вазъияти муассисаҳои алоҳидаи таҳсилотӣ имконият намедиҳад.

7. Раванди муттаҳидгардонӣ ва коркарди маълумот автоматӣ кунонида нашудааст ва ба таври дастӣ амалӣ гардонида мешавад, ки дар натиҷаи ин барои ба таври таъҷилӣ гирифтани иттилоот ҳатто дар шакли умумии он низ имконият намешавад.

Соли 2005 Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 таҳия ва маъқул дониста шуда буд, ки ин гуна норасоиҳои дар идоракунӣ ва системаи иттилоотӣ мавҷудбуда барои мақомоти қабулкунандаи қарорҳо, системаи идоракунӣ ва маъмурии маориф номатлуб шуморида мешаванд.

Норасоиҳои зикршуда оид ба таъмини иттилоот дар системаи идоракунӣ ва рушди системаи маориф омили монеъкунанда мебошад, ки ин зарурати ба вуҷуд овардани системаи ягонаи иттилоотии идоракунии маорифро таъкид менамояд.

## 3. Системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф, мақсад ва вазифаҳои он

Системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф (СИИМ) системаи ба таври расмӣ, тибқи нақшаи муайяне сохташаванда ва идорашавандаи гирдоварӣ, коркард, муҳофизат, гирифтан (аз манбаи маълумот) ва паҳн кардани маълумот ва иттилоот, зарурати дастгирии фаъолияти асосӣ ва силсилаи ,кор,-и роҳбарони маориф ва ашхоси қабулкунандаи қарор дар Вазорати маориф, шӯъбаҳои минтақавии маориф, мактабҳо ва ҷамъиятҳо мебошад. Ин силсилаҳои корӣ амалҳои зайлро дар бар мегиранд, аммо маҳдуд намешаванд: роҳбарии маъмурӣ, банақшагирӣ, додани баҳои дохилӣ ва берунӣ ба иҷрои лоиҳаҳо ва барномаҳо, тадқиқу таҳлили сиёсат ва раванди қабули карорҳо.

Мақсади асосии ба вуҷуд овардани СИИМ аз инҳо иборат аст:

1. Муттаҳид гардонидани иттилооте, ки ба идоракунии фаъолияти таҳсилотӣ ва пешниҳод кардани он ба шумораи зиёди истифодабарандагон, аз ҷумла, ба муаллимон, директорони мактабҳо, мураттибони нақшаҳои таълимӣ, нозирон, муфаттишон, таҳиягарони нақшаҳо, мушовирони соҳаҳои сиёсат, сарварони сиёсӣ, ходимони давлатӣ, ашхоси алоҳида, инчунин волидон ва худи хонандагон марбут мебошанд. Ин гуна захираҳои иттилоотии системаи идоракунии соҳаи маориф барои истифодаи тамоми аҳли ҷомеа пешниҳод карда мешаванд.

2. Таъмин кардани Вазорати маориф бо воситаҳои самараноки ташаккули дастгирии иттилоотӣ, назорат ва амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф.

Ба ин мақсад дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои зайл ноил гардидан мумкин аст:

- Автоматикунонии корҳои тарзи иҷрояшон кӯҳнашуда оид ба коркарди иттилооти оморӣ барои қабули қарорҳои идоракунанда.

- Ба вуҷуд овардани фазои ягонаи иттилоотӣ ва инфраструктураи иртиботии инкишофёфтаи самаранок.

- Ба вуҷуд овардан ва ҷорӣ намудани шаклҳо ва усулҳои нави идоракунӣ дар асоси технологияи иттилоотии ҳозиразамон.

- Ба таври қатъӣ кам кардани вақти расонидани иттилоот барои зарурати қабули қарорҳо.

- Ҷорӣ намудани стандарти ягонаи кор бо ҳуҷҷатхои электронӣ, ки бо назардошти хазинаи меъёрии мавҷуда сохта шуда, муҳофизат, идоракунӣ ва дастрасии ҳуҷҷатҳоро таъмин менамояд.

- Автоматикунонӣ ва баланд бардоштани самараи кори кормандон ва ҷузъу томҳо бо роҳи ҷорӣ намудани замимаҳои барномавии махсус ва воситаҳои дастгирии гурӯҳҳои корӣ.

- Ба вуҷуд овардани инфраструктураи идоракунии соҳаҳои иттиҳодиявии дониш.

СИИМ як рукни махсуси системаи миллии ташкили сиёсат, банақшагирӣ ва идоракунии соҳаи маориф мебошад. СИИМ бо роҳи ташаккул додан ва амалӣ гардонидани мубодилаи мунтазами иттилоот дар байни сохторҳо ва идора намудани ҷараёни иттилооти Вазорати маорифро бо дигар идора ва муассисаҳои соҳаи маориф, инчунин сохторҳое, ки дар фаъолияти таҳсилотӣ иштирок доранд, алоқаманд мегардонад.

СИИМ ҳамоҳангии фаъолияти заҳираҳои иттилоотӣ, аз қабили шӯъбаҳои омории маориф, марказҳои иттилоотии хизматгузорӣ, шӯъбаҳо ва департаментҳоеро, ки ба сабт ва ҳисобгирин ҳуҷҷатҳои соҳаи маориф машғуланд, таъмин менамояд. Мақсади ин кор аз таъмин намудани амалиёти якҷояи сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ оид ба идоракунии маориф мебошад, ки ҳамаи ин сарчашмаҳо бояд дар як системаи иттилоотии ҳамаҷониба ташаккулёфта муттаҳид бошанд, то он тавонад, ки ба тамоми ҷумҳурӣ хизмат расонад.

Самаранокии қарорҳои идоракунанда бо дараҷаи иҷрои (амалӣ гардонидани) вазифаҳои гузошташуда муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, СИИМ бояд ҳисобу китоби ҳамаи омилҳоеро, ки барои додани баҳои кор ва мониторинги вазъи соҳаи маориф аз нуқтаи назари ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда имконият медиҳанд, таъмин кунад. Он омилҳо инҳоянд:

- Барномаҳои ЮНЕСКО "Маълумот барои ҳама";

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015;

- Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар давраи солҳои 2007-2009;

- Мақсадҳои рушди ҳазорсола;

- Консепсияи рушди маориф;

- Ҳисоботи оморӣ ва ҳисобҳои дигар.

## 4. Методологияи ташкили системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф

Системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф системаи серзина мебошад:

Зинаи 1 - муассисаҳои таҳсилотӣ, ки мутобиқи шаклҳои ҳисобдории оморӣ ва дархости муассисаҳои болоӣ амал карда, сарчашмаи иттилоот ҳисоб меёбанд;

Зинаҳои 2 ва 3 - шӯъбаҳои минтақавии маориф ва Вазорати маориф, ки мутобиқан маълумот ва иттилоотро аз зинаи 1 мегиранд, мувофиқи мақсадҳои мониторинг ва барои расидан ба мақсадҳои минтақавии худ коркард ва таҳлили маълумотҳои гирифташударо ба амал мебароранд;

Раванди коркарди СИИМ бояд марҳила ба марҳила ва ба таври тадриҷӣ (эволютсионӣ) сурат бигирад. Ҳар як раванди коркарди СИИМ бояд бо назардошти шароити воқеии кори соҳаи маориф ба нақша гирифта шавад, самаранок ва мувофиқи мақсад бошад. Натиҷаҳои иҷрои корҳои ҳар як марҳила бояд аз натиҷаҳои марҳилаи гузашта беҳтар бошанд. Гузаштан ба марҳилаи навбатии коркард бояд баъди ба шароит комилан мутобиқ шудани натиҷаҳои марҳилаи гузашта ба амал бароварда шавад.

Бо назардошти воқеияти имрӯза, ки ба сатҳи пасти саводи компютерӣ, набудани неруи барқ, техникаи компютерӣ, воситаҳои алоқа, системаи муназзами хизматгузории техникӣ дар бисёр шӯъбаҳои ноҳиявии маориф ва мактабҳо алокаманд мебошад, зарур аст, ки коркарди барномавию техникии СИИМ дар 4 марҳилаи пайдарҳам амалӣ гардонида шавад:

1. Автоматикунонии раванди ташаккули шаклҳои мавҷудаи ҳисобу китоби оморӣ (Замимаи 3).

Мақсад:

- беҳтар кардани технологияи ворид, гирдоварӣ ва коркарди иттилоот мутобиқи шаклҳои мавҷудаи ҳисобу китоби оморӣ;

- таъмин намудани кормандони Вазорати маориф бо иттилооти аниқтару муфассалтар оид ба муассисаҳои таҳсилотӣ;

- таъмин намудани эътимоднокӣ, аниқӣ ва саривақтӣ будани ташаккули ҳисобу китоб ва тайёр кардани иттилооти зарурӣ оид ба дархостҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф, ҷузъу томҳои он, созмонҳои гуногун ва ашхоси алоҳида;

- таъмин намудани дастрасии бевосита ба маълумотҳои оморӣ ба тавассути шабакаи маҳдуди Вазорати маориф;

- баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини саривақтии истифодаи иттилооти оморӣ ва сифатнокии қарорҳои қабулшавандаи идоракунӣ;

- баланд бардоштани сатҳи саводи компютерӣ ва маданияти кори кормандони шӯъбаҳои ноҳиявии маориф, шинос намудани онҳо бо воситаҳои технологияи нави иттилоотӣ.

3. Коркарди шаклҳои нави ворид кардани маълумот ва автоматикунонии раванди гирдоварӣ ва коркарди маълумот аз рӯи шаклҳои нав (Замимаи 4).

Мақсад:

- таъмини ҳисобу китоби ҳама гуна нишондиҳандаҳои марбут ба соҳаи маориф;

- густариши доираи иттилоот оид ба муассисаҳои таҳсилотӣ;

- баланд бардоштани сифати қарорҳои идоракунии қабулшаванда аз ҳисоби густариши доираи иттилооти гирдоваришавандаи марбут ба муассисаҳои таҳсилотӣ;

- соддатар кардани раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳисобу китоб аз ҷониби директорони мактабҳо;

- таъмин намудани Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва ҷузъу томҳои он, ашхоси алоҳида бо имкониятҳои амалигардонии мониторинги пурсамари иҷрои мақсадҳои стратегии рушди маориф, барномаи "Маълумот барои ҳама", мақсадҳои стратегии рушди ҳазорсола ва барномаҳои дигар, ки барои рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд.

3. Коркарди системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии маориф, ки он омори маориф ва маълумотро аз вазорату идораҳои дигар низ дар бар мегирад (вазоратҳои молия, тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра) (Замимаи 5).

Мақсад:

- бо имкониятҳои ҳисобу китоб таъмин намудани нишондиҳандаҳои соҳаи маориф, ки оид ба демографияи минтақа, сатҳи музди кор, сатҳи тандурустӣ, сатҳи муҳоҷирати аҳолӣ, вазъи инфраструктураи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ғайра маълумоти иловагӣ талаб менамояд;

- баланд бардоштани сифати ташаккули нақшаи маблағгузорӣ аз ҳисоби гирифтани маълумотҳои аниқтару саривақтӣ дар бораи вазъияги демографию иқтисодии минтақа;

- ба даст овардани иттилооти саривақтӣ оид ба вазъияти молиявии муассисаҳои таҳсилотӣ;

- ба даст овардани иттилооти муфассал оид ба захираҳои инсонии соҳаи маориф: ихтисос, сатҳи музди кор, натиҷаҳои тестикунонӣ ва ғайраҳо.

4. Коркарди системаи иттилоотии идораи муассисаҳои таҳсилотӣ (Замимаи 6).

Мақсад:

- бо иттилооти мукаммал ва саривақтӣ дар бораи ҷараёни таълим таъмин намудани маъмурияти муассисаи таҳсилотӣ;

- автоматикунонии фаъолияти истеҳсолии муассисаи таҳсилотӣ: ҳисобу китоби воситаҳои моддӣ, таҷҳизот ва лавозимоти таълим, тартиб додани ҷадвали машғулиятҳо, ба ҳисоб гирифтани пешрафт ва давомоти хонандагон, тартиб додани ҳисоботҳои гуногун, ҳисобу китоби хазинаи адабиёти таълимӣ ва бадеӣ ва ғайра;

- баланд бардоштани сатҳи саводи компютерӣ ва маданияти кори кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ, ки бо воситаҳои нави технологияи иттилоотӣ кор мекунанд;

- амалӣ гардонидани супориши маълумот аз рӯйи намунаи зайл: муассисаҳои таҳсилотӣ - Вазорати маориф;

- ташаккул додани принсипҳои гузаштани системаи иттилоотии идоракунии маориф ба технологияи бидуни коғаз;

- таъмин намудани шаффофияти системаи идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи омилҳо оид ба ташкил кардани СИИМ дар замимаи 7 оварда шудаанд.

Амалӣ гардонидани марҳилаҳои номбаршуда иҷрои корҳои зайлро дар назар дорад:

- бо техникаи компютерии мувофиқ таъмин намудани Вазорати маориф, шӯъбаҳои минтақавии маориф ва муассисаҳои таҳсилотӣ;

- бо техникаи компютерӣ ва замимаҳои барномавӣ таъмин намудани барномаҳои техникии муассисаҳои таҳсилотӣ, шӯъбаҳои минтақавии маориф ва Вазорати маориф;

- таҳияи маводҳои таълимӣ ва ташкили курсҳо (доимӣ) оид ба омӯзиши саводи компютерӣ барои кормандони Вазорати маориф дар доираи имкониятҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;

- ташкили марказҳои ноҳиявии омӯзиши компютерии Вазорати маориф;

- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи дахлдори таъмини эҳтиёҷоти СИИМ;

- ба вуҷуд овардани манбаи ягонаи маълумоти СИИМ аз рӯи намунаи тасдиқшудаи ҳисобу китоб;

- пайваст кардани шабакаи маҳаллии Вазорати маориф ба шабакаи умумиҷахонии Internet тавассути қароргоҳҳои маснуии "Спутник";

- ташкили WEB сервери Вазорати маориф ҳамчун қисми таркибии шабакаи умумиҷаҳонии Internet;

- ташкили сандуқи почтаи Вазорати маориф барои қабули ҳисобот аз шӯъбахои минтақавии маориф ва муассисаҳои таҳсилотӣ;

- ташкили шабакаи миллӣ барои интиқоли маълумот оид ба соҳаи маориф;

- тахия ва ҷорӣ намудани шаклҳои электронии ҳисоботи муассисаҳои таҳсилотӣ;

- таҳия ва тасдиқ кардани барномаи таълимӣ оид ба омӯзиши СИИМ ва менеҷменти кормандони роҳбарикунандаи соҳаи маорифи ҷумҳурӣ;

- ташкили кумитаи байниидоравӣ (байни вазоратҳо) оид ба таҳияи сиим.

## 5. Меъёрҳо ва стандартҳои ба вуҷуд овардани СИИМ

Ба таври идоравӣ ва барномавӣ татбиқ намудани СИИМ бояд дар асоси технологияи пешқадами ҷаҳонӣ дар соҳаи телекоммуникатсия ва автоматикунонии идоракунӣ ба амал баровარда шавад. Талаботи асосӣ ба ташкили ин система чунин аст:

1. Эътимоднокӣ, яъне таъмин намудани эътибори баланд ва устуворӣ дар амал.

2. Бехатарӣ, яъне таъмин намудани сатҳи баланди муҳофизат ва нигоҳдории маълумоти додашаванда;

3. Мукаммалӣ, яъне таъмин намудани мутобиқат ва пурраги иттилооти маҳфуздошташаванда;

4. Якхелакунӣ, яъне истифода бурдан аз системаи ягонаи тасниф ва рамзгузорӣ;

5. Ошкор будан, яъне мувофиқат кардан бо ҳамаи стандартҳои ҳозиразамон, дастгирӣ кардани Internet ва технологияи Internet , инчунин имконияти афзоиши функсионалӣ аз ҳисоби ҳамкорӣ дар барномаҳои мураттибони мустақил, дар мавридҳои зарурӣ бошад, бо худи истифодабарандагон;

6. Муттаҳидсозӣ, яъне система бояд вазифаҳои идоракуниро бо ҳамаи ҷиҳатҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ, вазоратҳо, соҳаҳои он дар муҳити ягонаи иттилоотӣ муттаҳид намояд;

7. Андозанокӣ, ҳамчун талаботи асосӣ аз нуқтаи назари гузорише, ки ба устувории система, баробари афзоиши ҳаҷми иттилоот ва шумораи истифодабарандгони коркунанда ҳам барои дар ҷойи худ мондани он кафолат медиҳад;

8. Токатоварӣ ё худ қобилияти кор карда тавонистан дар шароити мавҷудияти барномаҳои дастгоҳии гуногун, системаҳои оперативсионӣ, маълумоти зиёди камарзиш.

9. Мутобиқшавӣ, яъне имконияти дигаргуншавии осон ба хотири эҳтиёҷоти ташкилоти мушаххас;

10. Густариш - имконияти афзоиши имкониятҳои функсионалии система, бидуни баромадан аз доираи консепсияи рушд ва асоси технологии аз аввал қабулшудаи вобаста ба талаботи махсуси истифодабарандагон;

11. Маҳдудгардонӣ, яъне дастгирӣ кардани талабот ва стандартҳои миллӣ дар соҳаҳои ҳисобу китоб, назорати молиявӣ, гардиши ҳуҷҷатҳо, ташкили чараёни таълим, маҳсусиятҳои соҳаи маориф.

Дар асоси муносибат бо амалӣ гардонидани мақсади гузошташуда таҳияи стратегияи сохтани заминаи ягонаи технологӣ пешниҳод карда мешавад, ки он ба доираи фазои стандартҳои ягонаи иттилоотӣ ва асоси ягона такя мекунад.

**Замимаи 1**
**Ба Консепсияи Системаи**
**иттилоотии идораи соҳаи маориф**

## Номгӯи шаклҳои омории ҳисобукитоб, ки дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд

| № т/р | Ном | Тасвир | Ки тартиб медихад | Ба ки пешниход мешавад | Мухлат (хамасола) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шакли ОШ-1 | Хисоботи муассисаи тахсилоти умумии рузона | Мактабхо | Шуъбаи маорифи нохия | То 7 сентябр |
| 2 | Шакли РИК-76 | Хисоботи умумии муассисаи тахсилоти умумии рузона | Шуъбаи маорифи нохия, ВМ ЧТ | Вазорати маорифи ЧТ КДО ЧТ | То 5 сентябр |
| 3 | Шакли 3 - НК | Хисобот муассисахои тахсилоти олии касби | Муассисахои тахсилоти олии касби | ВМ ЧТ | То 20 сентябр |
| 4 | Форма 2-НК | Хисобот муассисахои тахсилоти миёнаи касби | ОМКТ | ВМ ЧТ | То 5 сентябр |
| 5 | Шакли ОШ-5 | Хисоботи мактабхои тахсилоти шабона (гоибона) | Мактабхои тахсилоти умумии (гоибона)* ШМ нохия | ШМН, РМВ | То 7 сентябр То 25 сентябр |
| 6 | Шакли СВ-1 | Хисоботи умумии мактабхои тахсилоти умумии шабона (гоибона) | РМ вилоят, ВМ ЧТ | ВМ ЧТ, КДО ЧТ | 20 октябр 5 ноябр |
| 7 | Шакли РИК-83 | Хисоботи умуми оид ба шумора ва хайати кормандони педагогии муассисахои тахсилоти умуми | Мактабхо, ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ | ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ КДО ЧТ | То 5 сентябр 20 октябр 5 ноябр 20 ноябр |
| 8 | Шакли 85-К | Хисоботи умумии муассисаи тахсилоти томактаби | Кудакистонхо, ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ | ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ КДО ЧТ | 20 ноябр 5 декабр 20 декабр 5 январ |
| 9 | Шакли 1-ВУ | Хисоботи умумии муассисаи тахсилоти беруназамактаби | ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ | ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ КДО ЧТ | 20 январ 5 феврал 1 март |
| 10 | Шакли 1-ОД | Хисоботи хонаи кудакон (мактаб-интернатхо) | Хонаи кудакон**, ШМ нохия | ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ КДО ЧТ | 20 феврал 1 март 10 март 20 март |
| 11 | Шакли РИК-103 | Хисобот оид ба шумораи бачахо ва навраси бепарастор | ШМ нохия, РМ вилоят, ВМ ЧТ | РМ вилоят, ВМ ЧТ КДО ЧТ | 1 март 10 март 20 март |
| 12 | Шакли 20 (омузишгохи касби) | Хисобот оид ба шумора, хайат ва харакати кормандони рохбарикунанда ва мухандисину педагоги | ОКТ | ШМ нохия | 5 январ |
| 13 | Шакли 3-2 ОКТ | | ПТУ | | |

* Инро мактабҳои шабона (ғоибона)-и таълими умумии дорои шаклҳои рӯзонаю ғоибонаи таълим; мактабҳои рӯзонаи таълими умумии дорои синфҳои таълими ғоибона; гурӯҳҳои ғоибонхо, нуқтаҳои таълимию маслиҳатӣ; барои коргарҷавонон; мактабҳои барои ашхоси дорои ягон иллати ҷисмони кушодашуда пур мекунанд.

** Хонаи кӯдакони навъи умумӣ, санаторияҳои бачагона, мактабҳои махсус (барои кӯдакони дорои ягон иллати ақлӣ ва ё ҷисмонӣ дар инкишоф), мактаб-интернатҳои ятимбачаҳо ва кӯдакони бепарастор пур хоҳанд кард.

**Замимаи 2**
**Ба Консепсияи Системаи**
**иттилоотии идораи соҳаи маориф**

## Сатҳҳои таҳсилотии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Сатҳи таҳсилот | Муддати таҳсил | Синну сол | Муассисаҳои таҳсилотӣ |
|---|---|---|---|
| Таълим ва тарбияи томактабӣ | 1-3<br>3-6 | 1-6 (7) | Кӯдакистон |
| Таҳсилоти миёнаи умумӣ: | 11 сол | 7-18 | Мактабҳои таҳсилоти умумӣ, гимназияҳо, литсейҳо |
| * ибтидоӣ | 4 сол | 7-11 | |
| * умумии асосӣ | 5 сол | 7-16 | |
| * умумии миёна | 2 сол | 16-18 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Таҳсилоти касбӣ:<br>* ибтидоии касбӣ<br>* миёнаи касбӣ<br>* олии касбӣ | <br>1-4 сол<br>2-4 сол<br>4-6 сол | <br>Аз 16-сола<br>Аз 16-сола<br>* | ОКТ, литсейҳо, марказҳо, техникумҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, донишгоҳҳо,академияҳо, донишкадаҳо |
| Таҳсилоти баъди донишгоҳӣ | | | Аспирантура, докторантура |
| Таҳсилоти иловагӣ | | | ** |

* дар заминаи таҳсилоти миёнаи умуми, таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбӣ амалӣ мешавад; имконият дода мешавад, ки бо барномаҳои тайёр кардани бакалавр ва магистр ошно шаванд.

** дар мактабҳои муқаррарии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, мактабҳои олӣ ва ё муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ (академияҳои илмии хурд, касрҳо, стансияҳо, клубҳо, марказҳо, мактабҳои санъат ва мусиқӣ, донишкадаҳо, донишгоҳҳо ва ғайра амалӣ гардонида мешавад.

Замимаи 3 Замимаи 4 Замимаи 5 Замимаи 6 Замимаи 7 оварда намешаванд

**Замимаи 8**
**Ба Консепсияи Системаи**
**иттилоотии идораи соҳаи маориф**

## Саҳмгузорӣ ба таъминоти моддии СИИМ

| № п/п | Номгуи тадбирхо | Таъминот | Максад |
|---|---|---|---|
| 1 | Бо техникаи мувофики компутери таъмин кардани Вазорати маориф, шуъбахои минтакавии маориф ва муассисахои тахсилоти | Дар як муассисаи тахсилоти, ШМ нохия ва РМ вилоят тачхизоти зерини компутер гузошта шавад:<br>- компутер - 1 адад<br>- сканер - 1 адад<br>- принтер - 1 адад<br>- генератори неруи доимии барк - 1 адад | 1.Ворид кардани маълумот мутобики шаклхои омории хисобу китоб ва додани онхо ба Вазорати маориф (бо истифода аз Интернет ё худ Интранет;<br>2.Ташаккул додани манбаи маълумот оид ба омоори муассисахои тахсилоти |
| | | Дар шӯъбаҳои СИИМ-и ВМ ҶТ таҷҳизоти зерини компутерӣ гузошта шавад;<br>- файл - сервер барои манбаи маълумот<br>- компутер - 4 адад<br>- сканер- 1 адад<br>- принтер - 1 адад<br>- ризограф - 1 адад<br>- лавозимоти шабакаи барқ (HUB, сими барқ киннекторҳо) | 1. Ворид ва якҷоя кардани маълумот тибқи шаклҳои омории ҳисобу китоб<br>2. Коркард ва ташаккули шаклҳои баромади шаклҳои ҳисобот<br>3. Нусхабардории эҳтиётӣ ва супурдан ба манбаи маълумоти оид ба омори маориф |
| 2 | 2.Тахияи маводҳои таълимӣ ва ташкили курсҳо (доимӣ) оид ба омӯзиши саводи компутерӣ барои кормандони Вазорати маориф дар заминаи Институти такмили ихтисоси кормандони маориф Ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, мактабҳо ва ғайра) | Мустахкам кардани тавоноии кормандони маориф (Кормандони ВМ, раёсат ва шӯъбаҳои маорифи | Афзун гардонидани имкониятҳои ҳаётии фаъолиятмандии СИИМ |
| 3 | 3. Ташкили марказҳои ноҳиявии омӯзиши компутерӣ Вазорати маориф | Дар ҳар як маркази ноҳиявии омӯзиши компутер таҷҳизоти зерини компутерӣ гузошта шавад:<br>- компутер - 9 адад<br>- сканер - 1 адад<br>- принтер - 1 адад<br>- лавозимоти шабакаи барқ (НОВ, сими барқ, коннекторҳо) | 1. Омӯзонидани асосҳои саводи компутерӣ ба хонандагон, кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ ва шӯъбаҳои ноҳиявии маориф<br>2. Ташкили хизматгузории техникӣ ва истифода аз техникаи компутерии муассисаҳои таҳсилотӣ ва шӯъбаҳои ноҳиявии маориф |
| 4 | 4. Ба вуҷуд овардани шабакаи миллии додани маълумот оид ба соҳаи маориф | Пайваст кардани ҳамаи муассисаҳои Вазорати маориф ба шабакаи Интернет | 1. Баланд бардоштани дараҷаи фаврӣ будани гирдоварии маълумот<br>2. Баланд бардоштани стратегияи коммуникатсионии системаи идоракунии маориф<br>3. Ба вуҷуд овардани замина барои гузаштан ба технологияи додани маълумот, ҳисобу китоб ва назорати иҷрои қарорҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | идоракунӣ<br>4. Ташаккули асосҳои омӯзиши фосилавӣ<br>5. Интишори маводи таълимӣ ва лексияҳо |
| 5 | 5. Таҳия ва тасдиқи барномаи таълимии ба коркунони роҳбарикунандаи системаи маорифи ҷумҳурӣ омӯзонидани СИИМ ва менеҷмент | Мустаҳкам кардани тавоноии кормандони маориф (Кормандони ВМ,шӯъбаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятии маориф, мактабҳо ва ғайра) | Баланд бардоштани самаранокии идоракунии маориф |